# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи “Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи итисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

Муродифоти наҳвӣ яке аз қисматҳои муродифоти грамматикӣ буда, дар осори бадеӣ вобаста ба ҳадафҳои услубӣ корбурди васеъ дорад. Диссертатсияи Иброимова Г. Н. ба таҳқиқи ибораҳои номӣ дар яке аз асарҳои фолклорӣ “Чор дарвеш” бахшида шудааст, ки бо забони шево ва шоирона асари мазкур дар насри пешин мавқеи сазовор дорад. Диссертатсия дар осори назариявии забоншиносии умумӣ ва забоншиносии тоҷик таълиф ёфта, аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқ, рӯйхати адабиёт иборат аст.

Вазифаҳои таҳқиқ ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия мутобиқат менамоянд, ки омӯзиши бо низоми қолабҳои ибораҳои ҳаммаънои номӣ, муайян намудани меъёри муродифшавии ибораҳо, роҳу усулҳои ташаккули муродифҳои ибораҳои номӣ, таснифоти қолабҳои гуногуни ибораҳои номӣ, хусусиятҳои услубӣ ва семантикии ибораҳои номӣ, вазифаҳои услубии ибораҳои номӣ, муайян намудани дараҷаи ҳамаъноии калимаҳои мураккаб ва ибораҳои номиро дар бар мегирад.

Дар диссертатсия кушиш карда шудааст, ки асосҳои назариявии муродифоти наҳвӣ дар асоси навъҳои гуногуни ибораҳо мавриди баррасии илмӣ қарор дода шавад. Дар ин замина навъҳои гуногуни ибора, ки дар асари таҳқиқшуда хеле фаровон ба мушоҳида мерасанд, аз ҷиҳати тарзҳои муродифшавӣ ва тобишҳои маъноӣ таҳлил шуда, каммаҳсулии корбурди муродифоти ибораҳои сифатӣ, ҷонишинӣ ва шуморавӣ муайян карда мешавад. Инчунин, роҳҳои муродифшавии калимаҳои мураккаб бо ибораҳои номӣ нишон дода шуда, имконот ва вазифаи услубии чунин намуди муродифоти наҳвӣ равшан карда мешавад. Имконоти муродифшавии ибора ва ҷумлаҳои сода низ дар асоси маводи “Чор дарвеш” аз назар гузаронида шудааст.

Диссертатсия дорои аҳамияти амалӣ ва назарӣ мебошад. Аҳамияти назарии диссертатсия аз он иборат аст, ки хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқ ба омӯзиши минбаъдаи муродифоти наҳвӣ коркарди назарияи муродифоти грамматикӣ дар забони тоҷикӣ мусоидат мекунад. Инчунин ба таҳқиқи

масъалаҳои наҳви забони тоҷикӣ ва инкишофи таърихии он равшанӣ меандозад.

Натиҷаҳо ва нуктаҳои муҳимтарини диссертатсияро метавон дар ҷараёни таълими услубшиносӣ, наҳв, курси махсуси муродифоти грамматикӣ дар ихтисосҳои филология ва рӯзноманигорӣ мавриди истифода қарор дод. Истифодаи маводи диссертатсия дар таълими дарсҳои амалии асосҳои маданияти нутқ ва услубшиносӣ, каломи бадеъ, радио, телевизион ва тарҷумаҳо муфид хоҳад буд.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳқиқи диссертатсионӣ дорои навгонии муайяни илмӣ мебошад. Бори нахуст муродифоти наҳвии маводи насри классикӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Ҳамчунин умумият ва тафовути қолабҳои муродиф дар ин ё он маъно муқаррар карда шуда, хусусиятҳои муродифоти наҳвӣ дар мисоли муродифоти ибораҳо ва ҷумлаҳои сода муайян карда шуда, миқдори муайяни ибора ва ҷумла бо қолабҳои ивазшаванда мавриди омӯзиш қарор гирифта, имконоти услубии онҳо муайян карда шудааст.

Дар баробари ин чанде аз нуқсонҳои ҷузъие, ки дар автореферат ба мушоҳида мерасанд, зикр намудан ҷоиз аст.

1. Дар автореферат мисолҳо бояд (ибораҳо) дар таркиби ҷумлаҳо оварда мешуд, зеро бо ин роҳ маъно ва вазифаи ибора равшан мешуд ва муродифоти онҳо низ бо тобишҳои муайян нишон дода мешуд.

2. Ба назари мо унвони диссертатсия бояд “Муродифоти наҳвӣ дар “Чор дарвеш” номгузорӣ мешуд, зеро дар диссертатсия ба ғайр аз муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода инчунин оид ба масъалаҳои дигари муродифоти наҳвӣ, аз ҷумла, муродифоти ҷумлаҳои сода ва мураккаб низ маълумот дода шудааст.

Камбудиҳои зикршуда чузъӣ буда, арзиши умумии илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Таҳқиқоти мазкур аз ҷиҳати фарогирӣ ва таҳлили мавод, истифодаи осори илмӣ комил буда, кори илмии баанҷомрасида маҳсуб мегардад. Муаллиф оид ба мавзуъ мақолаҳои илмиро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия дарҷ намудааст, ки муҳтавои диссертатсияро инъикос мекунанд. Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи аттестатсионии назди Президенти ҶТ. ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертатсияи номзадии Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи «Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш” ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳри филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Офаридаев Назрӣ, доктори илмҳои

филология, профессори кафедраи забони тоҷикии

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Имзои Офаридаев Назриро тасдиқ мекунам:

Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев Саидраҳмонов Н.

Суроға: 736000 ВМБК, ш. Хоруғ, к. Шоҳтемур, 119.

E-mail: ofarida_n@mail.ru тел.: +992939314032

16. 05. 2023.